Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-014-и дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146)

**Тақриз**

**ба автореферати Сабриддини Сафовуддин дар мавзӯи «Мукаммалгардони механизми ташкили иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон) » барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Фаъолияти пурсамари элекроэнергетикаи деҳот ба вазъи комлекси агросаноатӣ пурра вобаста аст. Ислоҳоти хоҷагии халқи Тоҷикистон, ки беш аз даҳ сол боз идома дорад, ба вазъи комплекси агросаноатӣ таъсири бағоят сахт расонидааст. Новобаста ба як қатор муътадилнокӣ Достиев М. Н. Мирзоева М.аст. Он ба якбора паст шудани раванди истеҳсолот, пузӯршавии мубодилоти беарзиш, робитаҳои ноустувори хоҷагидорию истеҳсолӣ, кам гардидани дастгирии давлатӣ ва чун натиҷа, шиддатёбии вазъи иҷтимоӣ маънидод карда мешавад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки энергетикаи барқӣ дигаргунсозандаи қувваҳои истеҳсолии кишвар, дар асоси пешрафти илмию техникӣ, воситаи муҳими баланд бардоштани сифату маҳсулнокии меҳнат ба ҳисоб меравад.

Идеяи назариявии худро асоснок намуда, диссертант зикр мекунад, ки набояд он ҳолати муҳимро дар мавриди мундариҷа фаромӯш кард, ки энергетикаи барқӣ дигаргунсозандаи қувваҳои истеҳсолии кишвар, дар асоси пешрафти илмию техникӣ, воситаи муҳими баланд бардоштани сифату маҳсулнокии меҳнат ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин ҳолат диссертант зикр мекунад, ки аҳамияти муҳими афзоиш додани нафъоварии қувваи барқ дар шароити ҳозира, ҳангоми тақсимоти муносибатҳои бозоргонӣ дар тамоми соҳаҳо, раванди

истеҳсолот, расондан, тақсиму фурӯши қувваи барқ, самтмуайянкунии дуруст маҳсуб меёбад. Бисёр муаллифон нисбати дигаргунсозии энергетикаи барқӣ, вобаста ба ғайридавлатӣ сохтани он, таклифҳо доранд.

Ба андешаи муаллиф нуқтаҳои назари овардашуда дар масъалаи ғайридавлатӣ намудани энергетикаи барқӣ таҳлилҳои амиқи рушди онҳо дар шароити кунунии мо, надоранд.

Ба сифати далели асосӣ дар масъалаи хусусигардонӣ, муаллифон идеяеро чун имконоти барҳам задани монополияи қувваи барқӣ пеш меоранд. Ин идея ба истеъмолкунандагони қувваи барқ, бахусус дар деҳот тамоман номувофиқ аст. Зеро дар ҳудудҳои ба назар гирифташаванда, истеъмолкунандагон доимо ба яке аз марказҳои энергетикии барқӣ вобастаанд. Пас, аз нуқтаи назари истеъмолкунандагон қувваи барқ аз рӯи моҳияти худ, хоҳу нохоҳ монополия аст. Барои истеъмолкунандагони деҳот дар шароити вуҷуд надоштани хизматрасониҳои энергетикаи барқӣ ин вазъ фалокатбор аст.

Аз хулосаи диссертант бармеояд, ки идораи пурсамари рушди энергетикаи барқиро дар доираи муносибати давлат, ҳангоми ҳалли масоили ба миёномада дар фазои ягонаи энергетикии кишвар, бо иловаи натанҳо коркарди қувваи барқ, ҳамчунин истифодаи самараноки расонандаҳои ибтидоии қувваи барқ, метавон ба даст овард.

Дар катори дастовардхои дар автореферат чойдошта, инчунин баъзе камбудиҳои ноаён ва на он кадар мухим низ ба назар мерасад, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Дар автореферат хеле ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ташкили шароит барои ҷалби маблағгузориҳо ба соҳаи энергетикаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шавад.

2. Дар автореферат камбудиҳои хусусияти стилистикӣ дошта низ вомехӯранд.

Албатта, камбудӣ ва норасоиҳои номбаршуда ҳусну қубҳи авторефератро кам намекунанд. Автореферат ба пуррагӣ муҳтавои асосии рисоларо инъикос намудааст.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Сабриддини Сафовуддин дар мавзӯи «Мукаммалгардони механизми ташкили иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон) » ба талаботи КОА-и назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ буда, аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Тақриздиҳанда,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири
кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи Идоракунии Давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ; Досиев М. Н.

**Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе,
кучаи Саид Носир, 33
Tel./Fax.(37) 2241786
E-Mai – dostiev 68 @ mai.ru

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
Досиев М. Н. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Бобозода О. О.